# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

1. Соли 2009 дар заминаи асосҳои конститутсионию ҳуқуқӣ (моддаҳои 1, 5, 9, 10, 14, 17-25, 32, 84, 87, 88 Конститусияи ҶТ) Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, табиати ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятиро муайян намуда, мазмуну мундарича, принсип ва шакли мурофиавӣ ба онҳо мувофиқ гардонида шуданд. Мурофиаи ҷиноятӣ аз мурофиаи айбдоркунӣ ба мурофиаи типпи муҳофизавӣ табдил дода шуд. Дар баробари функсияи айбдоркунӣ функсияи ҳимоя низ тақвият дода шуда, мурофиа чун тартиботи маъруфи ҳуқуқӣ эътироф гашта, ба расмият шинохта шуд, ки аз он ҳама иштирокчиён метавонанд барои ҳифзу ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳояшон истифода кунанд.

Дар партави гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева М.К. дар асоси Конститутсияи ҶТ бо мақсади боз ҳам такмил додани асосҳои ҳуқуқии мурофиаи судии ҷиноятӣ дар масоили дастгир намудани гумонбаршуда, дар содир намудани ҷиноят, муносибатҳои ҷамъиятие, ки зимни дастгиркунӣ миёни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба вуқуъ мепайванданд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд, амалияи татбиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба амал бароварда шуда, дар маҷмуъ барои устуворӣ ва рушду такомули мурофиаи ҷиноятӣ, тақвият ёфтани тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ мусоидат менамояд.

Қоидаҳои таъмин намудани дахлнопазирии шахсият, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро зимни интихоб ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавии ҷиноятӣ, аз он ҷумла дастгир намудани гумонбаршуда дар содир намудани ҷиноятро ҳангоми тафтишоти пешакӣ КМҶ ҶТ пешбинӣ намудааст. Ба маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бе асос

ва шартҳои қонунӣ ва тартиботи мурофиавӣ роҳ дода намешавад. Вале муайян намудани асос ва шарти мурофиавии татбиқ намудани дастгиркунии шахс бо гумони содир намудани ҷиноят бе мушкилот ва муаммо ҳам нест. Бинобар ин, бо мақсади кушодани мушкилоту муаммоҳои ҳуқуқиву амалии дастгир намудани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур интихоб карда шудааст.

Дар диссертатсия маҷмуи масъалаҳои асосии вобаста ба татбиқи дастгиркунии шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят гумонбар шудааст, асосҳо ва шарти татбиқи дастгиркунӣ, эътироф кардани шахс ҳамчун гумонбаршуда, расмиёти мурофиавии он, мушкилоти эътирофи шахс ба сифати гумонбаршуда ва ҳолати ҳуқуқии ӯ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф ба хулосаҳои назариявӣ ва таклифҳои амалӣ омадааст, ки онҳо метавонанд минбаъд дар таҳқиқотҳои дигари ҳамҷавор ва амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода карда шаванд.

2. Рисолаи диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷаву хулосаҳо, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, таклифу пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, қонунгузории соҳавӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи тафтишотиву судӣ дар ин самт, дар раванди таълим васеъ истифода шаванд, ки онҳо аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳанд. Бинобар ин, ба хулоса омадан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ карда шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба мундариҷаи шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Мадина Камоловна истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути қоидаи иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ нишон медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Абдуллоева М.К. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Сафарзода Анвар Ислом** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 30 сентябри соли 2023 соати 14:00 таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Зоир Ҷ.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Назаров А.Қ.
аъзои Шурои диссертатсионӣ

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

04.07.2023сол